«Тасдиқ мекунам»
Ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» доктори илмҳои биологӣ, профессор Давлатзода С.Х.

______________________

«___» ______________ соли 2024

**Тақризи**

**муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба диссератсияи Азизова Зарина Шавкатовна дар мавзуи «Муқоисаи вижагиҳои грамматикии зарбулмасал ва мақолҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ва ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссератсияи Азизова Зарина Шавкатовна таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба таҳқиқи хусусияти грамматикии зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар он ҷанбаҳои норавшани мавзуъро бар мабнои усули муқоиса мавриди баррасӣ қарор додааст. Муҳтавои он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пурра мувофиқат менамояд.

**Саҳми илмии докторант дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Дар замони ҷаҳонишавии фарҳангу тамаддунҳо зарбулмасал ва мақолҳо дар тасвири забонии ҷаҳон, хусусан дар асоси маводи забонҳои муқоисашаванда яке аз масъалаҳои муҳимми таҳқиқ дар бахши забоншиносии муқоисавии тоҷик ба шумор рафта, барои ҳамагуна ҷомеа аҳаммияти муҳимро доро мебошад. Зеро дар ин

самт эҷодкороне, ки дар ин мавзуъ мавод таҳия намудаанд мехоҳанд, мардумро бо зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ошно созанд.

Саҳми докторант дар он зоҳир мегардад, ки ӯ дар муддати 5 сол, дар баробари фаъолияти таълимӣ, ба ҷамъоварии маводи илмӣ, омӯзиши адабиёти назариявӣ, таснифи маводи ҷамъовардашуда ба гурӯҳҳои муайян ва навиштани кори илмӣ машғул шуда, дар ин самт мақолаҳои илмӣ таълиф намуда дар конференсияҳои илмии сатҳи гуногун суханронӣ кардааст.

Докторант муаллифи 11 мақолаи илмӣ марбут ба кор мебошад, ки аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Докторант Азизова Зарина Шавкатовна дар коркади мавзуъ, дараҷа ва робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифа, объект, фарзия, марҳила, асосҳои назариявию методологӣ ва навгонии илмӣ саҳми шахсии худро гузоштааст. Масъалаҳои асосии таҳқиқ тарҳрезӣ гардида, ҷустуҷӯ ва натиҷагириҳои илмии докторант дар диссертатсия, мақолаҳои илмӣ, маърӯза дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ инъикос ёфтаанд. Натиҷаҳои таҳқиқ эътимодбахш буда, аз тарафи муаллиф бевосита дар марҳилаҳои гуногун коркард, тасвиб ва баррасӣ шудаанд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти** диссертатсионии Азизова Зарина Шавкатовна дар мавзуи «Муқоисаи вижагиҳои грамматикии зарбулмасал ва мақолҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» дар он зоҳир мешавад, ки зарбулмасал ва мақолҳо яке аз жанрҳои мустақили адабиёти шифоҳӣ буда, барои мӯъҷазу рангин баромадани фикру андеша ба инсон хизмат мекунанд. Ҳанӯз аз замонҳои қадим халқ зарбулмасалу мақол эҷод карда, онҳоро дар мавридҳои лозимӣ истифода мебурд. Аз ҳамин сабаб, зарбулмасалу мақолҳо диққати аҳли илму адабро ҳамеша ба худ ҷалб мекунанд ва ба ҳиссиёту тафаккури мардум таъсири зиёд доранд.

Умуман, зарбулмасалу мақолҳои халқӣ рӯ ба такомул доранд, ки ин ҳодиса, дар навбати худ, аз тараққии муттасил ва тадриҷии баъзе жанрҳои қадимии эҷодиёти шифоҳии халқ дарак медиҳад. Чунончи зикр кардем, мундариҷа, маъно, ғояи зарбулмасал ва мақолҳо мавриди тадқиқоти фолклоршиносон қарор гирифтаанд, аммо сохтори грамматикии онҳо, ҳам дар забони англисӣ ва ҳам дар забони тоҷикӣ кам тадқиқ гаштааст. Инчунин ин муаммо ба таври муқоисавӣ пурра тадқиқ нагаштааст, маҳз ҳамин масъала муҳиммияти мавзуи интихобшударо собит мегардонад.

Аз ин лиҳоз, муҳаққиқ диссертатсияро аз мубрамияти мавзуъ ва то ҳол таҳқиқ нагардидани муқоисаи хусусиятҳои грамматикии зарбулмасал ва мақолҳо дар забонҳои қиёсшаванда, оғоз намуда, таъкид бар он мекунад, ки мавзуи баррасишаванда дариҷаеро ба сӯйи муайян намудани хусусиятҳои грамматикии зарбулмасалу мақолҳои миллати тоҷик дар муқоиса бо забони англисӣ, инчунин ошкор намудани нишонаҳои умумӣ ва мухталифи типологии зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои муқоисашаванда мекушояд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Диссертант навгонии таҳқикро бо он асоснок намудааст, ки бори нахуст сохтори грамматикӣ – морфологӣ ва синтаксисии зарбулмасалу мақолҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди муқоиса қарор гирифта, хусусиятҳои фарқкунанда ва шабеҳи онҳо нишон дода шудаанд. Инчунин, бори нахуст дар такя бо сарчашмаҳои илмӣ зарбулмасалҳо ва мақолҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи этимологӣ таҳлил шуда, сохтори таърихии грамматикии онҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст ва ошкор гардид, ки дар таркиби зарбулмасал ва мақолҳои забонҳои мавриди муқоиса ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла пайвандакҳо, пешояндҳо, ҳиссачаҳо хеле кам дида мешаванд.

Агар ба ҳолати муқоисавии ҷанбаҳои забоншиносӣ назар намоем, то ин замон дар кишвари мо корҳои илмию таҳқиқотии зиёде ба анҷом

расидаанд, аммо муқоисаи хусусиятҳои грамматикии зарбулмасал ва мақолҳо дар забонҳои қиёсшаванда хеле кам ба назар мерасад.

Диссертатсияи Азизова Зарина Шавкатовна аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, 3 боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва феҳристи адабиёт иборат мебошад.

Дар мукаддимаи сухан дар бораи мубрамияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ, инчунин дар тавсифи умумии таҳқиқот оид ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, методҳои таҳқиқ, навгониҳои илмии таҳқиқот, нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳодшуда, аҳамияти назариявии таҳқикот, моҳияти амалии таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологияи таҳқикот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори диссертатсия меравад.

Дар қисмати дараҷаи таҳқиқи мавзуи мавриди пажуҳиш муҳаққиқ маводи муфассалеро оид ба омӯзиши зарбулмасалу мақолҳо дар забоншиносии тоҷик ва англис зикр намуда, аз ҷумла қайд намудааст, ки шарҳи асосҳои назариявию методологии рисола аз мушоҳида, таҳлил, таҳқиқ ва усулҳои таҳқиқот дар асоси муқоисавӣ зарбулмасал ва мақолҳои англисӣ ва тоҷикӣ, муайян кардани монандӣ ва тафриқаи онҳо дар асоси мукоиса бармеояд. Дар диссертатсия Азизова Зарина Шавкатовна аз муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, аз қабили М. Фозилов, Ҳ.М. Маҷидов, Я.И. Калонтаров, Б.К. Тилавов, М.Н. Азимова, М.М. Раҷабова, А.В. Кунин, Г.Л. Пермяков, В.И. Дал, В.В. Виноградов, Е.Н. Платонова, Р.А. Майтиева, В.П. Аникина, А.Тейлор ва дигарон ном мегирад, ки дар атрофи зарбулмасалу мақолҳои забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ пажӯҳишҳои илмиро ба сомон расондаанд. Барои пажӯҳиши хаматарафа муҳаққиқ сарчашмахои зиёдеро аз масалшиносони ҷаҳонӣ мутолиа намуда, дар рафти кор мавриди истифода қарор додааст, ки А. Тейлор, И.С. Гварджаладзе, И. В. Дал, А. А. Потебня,

Н.Н. Амосова, Ю. Соколов, Н. М. Шанский ва дигарон аз зумраи онҳо мебошанд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ аз он иборат аст, ки омӯзиши хусусиятҳои грамматикии зарбулмасалу мақолҳо метавонад барои пажӯҳишҳои минбаъда дар соҳаҳои забоншиносӣ мусоидат намояд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад маводи назарии забоншиносии муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикиро ғанӣ гардонида, барои пажӯҳиши минбаъдаи паҳлуҳои гуногуни сохтори грамматикии зарбулмасалу мақолҳо мусоидат намуда, ҳамчун раҳнамои илмӣ хизмат намояд.

Дар боби аввали он **«Зарбулмасалу мақолҳо – объекти таҳқиқоти лингвистӣ»** масоили назариявӣ ва методологӣ баён гардидаанд, ки дар раванди таҳқиқот онҳоро муҳаққиқ ба асос гирифтааст. Боби мазкурро муаллиф аз 3 зербоб мураттаб намуда, дар он аз таърихи таҳқиқи зарбулмасал ва мақолҳо, доир ба мансубияти зарбулмасалу мақолҳо ба фразеологизмҳо ва роҷеъ ба маънои зарбулмасалҳову мақолҳои англисӣ ва тоҷикӣ, инчунин оид ба аввалин сабти зарбулмасалу мақолҳо ва мавқеи онҳо дар ҷомеаи имрӯза фикру андешаҳои хешро иброз намудааст.

Докторант қайд намудааст, ки зарбулмасалу мақолҳо ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоиро дар бар гирифта, мавзуъҳои гуногунро ифода мекунанд. Халқҳои мухталифи ҷаҳон, аз ҷумла тоҷику англис ва рус зарбулмасалҳои хеле зиёд доранд, ки дар нутқи ҳаррӯзаи мардум ба таври васеъ истифода мегарданд ва баъзеи онҳо тарҷумаи таҳтуллафзии якдигар мебошанд, ки дар мисол нишон дадашудааст: ***First think, then speak.***
***Аввал андеша, баъд гуфтор. Сначала подумай, а потом говори.***

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони **«Сохтори морфологии зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ»** унвон дошта ба 5 зербоб ҷудо гардида, дар он мавқеи исм, сифат, ҷонишин, шумора, ҳиссаҳои номустақили нутқ дар таркиби зарбулмасал ва мақолҳои англисӣ ва тоҷикӣ,

инчунин истифодаи феъл дар зарбулмасал ва мақолҳои англисӣ ва тоҷикӣ нишон дода шудааст.

Докторант қайд намудааст, ки дар забонҳои мавриди муқоиса исмҳои конкрет ва маънӣ ба таври васеъ дучор мешаванд: ***A beggar can never be bankrupt; Silence gives consent; Ноумедӣ кори шайтон аст; Қадри озодиро асир медонад.***

Инчунин, дар зарбулмасалҳо исмҳои маънӣ шаклу сохти аниқ надоранд, онҳоро дидан ва шумаридан имконнопазир аст, онҳоро танҳо ҳис кардан мумкин аст. Истифодаи исмҳои хос низ дар зарбулмасалу мақолҳои забонҳои муқоисашаванда дида мешаванд, ки онҳо барои номбаркунии предмет ва ягон субъекти алоҳида хизмат менамоянд. Мисол: ***Since Adam was a boy; Дастархони Алибою обрӯи Валибой.***

Дар навбати худ докторант зикр намудааст, ки таҳлили зарбулмасалҳо имконият медиҳад, ки гурӯҳҳои асосии семантикии исмҳоро ҷудо намуд: а) маънои хешутаборӣ; б) маънои зоонимӣ; в) маънои фитонимӣ; г) маънои соматизмӣ.

Хулоса, дар забони зарбулмасалу мақолҳо аз ҳиссаҳои нутқи мавриди таҳлил қароргирифта исм, сифат, феъл, баъзе намуди ҷонишинҳо, зарфҳои замон ва макон, пайвандакҳо зиёдтар ба назар мерасанд, лекин шумора, ҳиссачаҳо, нидо ва пешоянду пасоянд камтар кор фармуда мешаванд, ки ин аз хусусият ва вазифаи зарбулмасал ва мақолҳо бармеоянд, зеро зарбулмасалу мақолҳо хусусияти пандуахлоқӣ, насиҳатомезӣ дошта, маънои умумгаштаро ифода менамояд ва касеро ба иҷрои ягон амал водор менамояд.

Боби сеюми диссертатсия ҳамчун **“Сохтори синтаксисии зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ”** ном дошта, дар он масъалаҳои зарбулмасалу мақолҳо дар шакли ҷумлаҳои сода, ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Боби мазкур аз 3 зербоб иборат мебошад. Дар боби мазкур аз ҷониби муҳаққиқ ба вижагиҳои маънои

зарбулмасалу мақолҳои забонҳои тоҷикиву англисӣ таваҷҷуҳ гардида, аз лиҳози забоншиносиву фарҳангшиносӣ арзишмандтарини онҳоро ҷудо намудааст. Ҳар яке аз онҳо арзишҳои ахлоқии мардумони забонҳояшон муқоисашавандаро инъикос намуда, анъанаҳои миллӣ, муносибатҳои оилавию хешовандӣ, муносибати инсон ба меҳнат ва анъанаҳои меҳмоннавозии онҳоро таҷассум мекунанд. Аз ҷумла, дар мавриди инъикоси арзишҳои ахлоқии мардумони забонҳояшон муқоисашаванда муаллифи диссератсия зарбулмасалу мақолҳоро дар мавзуҳои зерин баррасӣ намудааст: ***- One today is worth two tomorrow. - Кори имрӯзаро ба фардо нагузор; First catch your hair, then cook him. - Аввал аз ҷӯйбор бипару баъд ӯҳ бигӯ; Sweep before your own door. – Гиребони худатро бӯй кун.*** Ба ҳамин тартиб зербобҳои дигари боби сеюм аз ҷониби докторант муқоиса ва таҳлил шуда, бо фикрҳои муаллифи диссератсия ҷамъбаст шудаанд.

**Хулосаи диссертатсия**. Ҳар як боби диссератсия бо хулосаҳои мушаххаси докторант ба охир расидаанд ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки масълаҳои дар диссертасия матраҳгардида ҳалли худро пурра ёфтаанд. Дар хулосаи умумӣ бошад муаллифи диссератсия натиҷаҳои асосии таҳқиқоти худро дар 11 банд ҷамъбаст кардааст, ки аз аҳаммияти назарраси назарӣ ва амалӣ холӣ нестанд.

Диссератсияи Азизова Зарина Шавкатовна дар асоси меъёрҳои нави илмӣ таҳия гардидааст. Тарзу усули иқтибос, таҳияи бобу зербобҳо, хулоса ва феҳристи адабиёт тибқи талаботи стандарт ва таҳияи корҳои илмию таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст.

Автореферати диссератсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯ буда, муҳтавои диссертатсияро ифода мекунад. Хулосаи мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферат оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон таҳия шуда, моҳияти илмии кори мазкурро ба таври фишурда инъикос менамояд.

Диссератсияи мазкур барои таълими фанҳои «Грамматикаи назарӣ» «Типологияи муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ», «Ҳусни баён», «Фразеологияи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» метавон истифода бурд.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Дар баробари дастовардҳои назаррас дар диссертатсияи мазкур таҳти унвони «Муқоисаи вижагиҳои грамматикии зарбулмасал ва мақолҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» баъзе норасоиву камбудиҳоро мушоҳида намудем:

1. Дар рисола зарбулмасалу мақолҳои овардашуда шарҳ наёфта, мазмуни мақсади асосии он зикр нагардидааст. Агар ҳар як зарбулмасал ва мақолҳои истифодашуда дар алоҳидагӣ шарҳ меёфт, ҷанбаи илмии рисола бештар мешуд.(саҳ. 35, 41, 47,48, 49 ва ғ.).
2. Фикру андешаҳои назарии муаллиф дар баъзе аз саҳифаҳои кор такрор омадаанд (саҳ. 15, 20, 31, 34).
3. Тарҷумаи зарбулмасалу мақолҳо аз забони англисӣ дар бархе аз саҳифаҳои рисолаи муаллиф мушаххас нест (саҳ. 38, 39, 41, 42 ва ғ.).
4. Муодили англисӣ ва ё тоҷикии баъзе аз зарбулмасалу мақолҳои дар рисола ҷой дошта тарҷума нашудааст. Хуб мешуд, ки муаллиф онҳоро тарҷума мекард то арзиши илмии рисола бештар мегардид.
5. Дар баъзе аз саҳифаҳои рисола (саҳ. 2, 3, 34, 45 ва ғ.) ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасад.

Дар маҷмуъ, камбудиҳои ишорашуда ҷузъӣ буда, ба аҳаммияти таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд, зеро онҳо ислоҳпазиранд ва ба осонӣ бартараф хоҳанд шуд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Азизова Зарина Шавкатовна дар мавзуи «Муқоисаи вижагиҳои грамматикии зарбулмасал ва мақолҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» ба талаботи «Низомномаи шурои диссератсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Азизова Зарина Шавкатовна сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмуну мантиқи ягонаи дохилӣ аст. Сатҳи навгонии илмии диссертат-

сионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ, ҳалли онҳо ва услуби таҳқиқи илмӣ аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дарак медиҳад.

Тақриз ба диссертатсия ва автореферат дар ҷаласаи кафедраи назария ва типологияи забони англисии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», суратҷаласаи **№6** аз **11.01.2024** тасдиқ гардидааст.

Дар овоздиҳӣ 11 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: “тарафдор”- 11 нафар, “муқобил” – нест, “бетараф” – нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ,
мудири кафедраи назария ва
типологияи забони англисии
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав **Олматова Шарофат Сафаралиевна**

**Эксперт:**
номзади илмҳои филологӣ
саромӯзгори кафедраи назария
ва типологияи забони англисии
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав **Фатҳуллоев Икромуддин Бароталиевич**

**Котиби ҷаласа:**
омӯзгори кафедраи назария
ва типологияи забони англисии
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав **Исманқулова Мавҷуда Абдужалоловна**

Имзоҳои Олматова Ш.С., Фатҳуллоев И.Б.
ва Исманқулова М.А.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» **Шукурзод Джамшед Абдуалим**

«13» 01 **соли 2024**

735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
тел: (83222)02-45-20;02-22-53
E-mail: ktsu78@mail.ru,
Сомона: http://www.ktsu.edu.tj